**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Солеҳзода Давлатбек Уроқ дар мавзӯи “ экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ**

Дар шароити муосири рушди ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки татбиқи принсипҳои волоияти қонун, таъмини адолати судӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар маркази сиёсати давлатӣ қарор додааст, масъалаи таҳкими асосҳои илмӣ-амалии мурофиаи ҷиноятӣ аҳамияти хоса дорад. Дар ин замина, экспертизаи судӣ ҳамчун яке аз василаҳои муҳими исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ нақши калидӣ мебозад.

Мувофиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, экспертизаи судӣ воситаи муҳими ба даст овардани маълумоти боэътимод оид ба ҳолатҳои парванда мебошад. Он ба мақомоти тафтишотӣ ва суд имкон медиҳад, ки далелҳоро бо истифода аз донишҳои махсуси илмӣ, техникӣ, тиббӣ ва криминалистӣ арзёбӣ ва таҳлил намоянд. Бо ин васила, экспертизаи судӣ заминаи воқеӣ барои қабули қарорҳои қонунӣ ва асоснок фароҳам меорад.

Бо вуҷуди пешрафтҳои назаррас дар соҳаи экспертизаи судӣ дар ҷумҳурӣ, ҳанӯз як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ вуҷуд доранд, ки омӯзиши онҳо зарур мебошад. Аз ҷумла, масъалаҳои такмили заминаҳои ҳуқуқии таъини экспертиза, баланд бардоштани сатҳи тахассусии коршиносон, таъмини мустақилияти онҳо, мукаммал гардондани базаи моддию техникӣ ва мутобиқ намудани фаъолияти муассисаҳои экспертиза ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ аҳамияти ҷиддӣ доранд.

Ғайр аз ин, бо рушди босуръати илм ва технология, шаклҳои нави ҷинояткорӣ, махсусан ҷиноятҳои дорои хусусияти кибернетикӣ, иқтисодӣ ва экологии мураккаб, ба вуҷуд омадаанд, ки барои таҳқиқ ва исботи

онҳо истифодаи усулҳои муосири экспертизаи судӣ зарур мегардад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши таҷрибаи амалии татбиқи қонунгузории миллӣ дар соҳаи экспертизаи судӣ ва таҳлили таҷрибаи кишварҳои пешрафта метавонад ба такмили низоми миллии мурофиаи ҷиноятӣ мусоидат намояд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, мавзӯи "Экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад. Таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии фаъолияти экспертизаи судӣ, баррасии мушкилоти татбиқи амалии он ва пешниҳод намудани роҳҳои ҳалли онҳо ба рушди минбаъдаи низоми адолати судӣ, таъмини қонуният ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон мусоидат хоҳад кард.

Дар муқаддима мубрамии мавзӯи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объекти таҳқиқ, мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назарӣ ва амалии он муайян карда шудааст.

Дар боби аввали диссертатсия, "Мафҳум, таъинот ва намудҳои экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ" муалифи рисола дуруст зикр мекунад, ки экспертизаи судӣ як равандест, ки дар он шахси дорои малакаи махсус — коршинос — масъалаҳои ҳуқуқӣ ва фактуалиеро таҳлил мекунад, ки барои қабули қарори суд муҳим мебошанд. Экспертиза ҳамчун воситаи асосии таъмини далелҳои объективӣ дар мурофиаҳои ҷиноятӣ амал мекунад. Коршинос наметавонад шахсро гунаҳкор эълон кунад ё қарор қабул намояд, балки вазифадор аст бо донишу таҷрибаи худ маълумоти дуруст ва асоснок пешниҳод намояд. Хулосаи коршинос натиҷаи таҳлили воқеиятҳо мебошад ва ҳуқуқан ҳамчун далел ҳисоб мешавад.

Намудҳои экспертиза вобаста ба табиати масъала ва мавод фарқ мекунанд. Онҳо метавонанд молӣ ва ҳисоботӣ бошанд, ки хароҷот ва қимати зарарро муайян мекунанд,  экспертизаи тиббӣ барои муайян

кардани сабаби марг ва захмҳо, фаннӣ барои санҷиши техника ва ашё, психологӣ ва психиатрӣ барои арзёбии қобилияти шахс ба амалҳои ҷиноятӣ ва дигар намуди махсуси экспертизаҳо, аз ҷумла биологӣ, химиявӣ ё санъат. Ҳар намуди экспертиза хусусиятҳои хос дорад ва бояд мустақилона, объективӣ ва асоснок анҷом дода шавад.

Боби дуюм "Тартиби таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ". Пас аз муайян кардани аҳамият ва намуди экспертиза, қадамҳои таъин ва гузаронидани он оғоз меёбанд. Қарори таъини экспертиза метавонад аз ҷониби суд, прокурор ё тафтишот қабул карда шавад ва дар он намуди экспертиза, мӯҳлат ва шахсияти коршинос муайян мегардад. Омодагӣ барои гузаронидани экспертиза маънои ҷамъоварии мавод, санҷиши аввалия ва муайян кардани масъалаҳои таҳқиқро дорад.

Гузаронидани таҳлил бо истифодаи усулҳои илмӣ ва техникии мувофиқ амали муҳим аст. Хулосаи коршинос пас аз таҳлил таҳия шуда, ба суд пешниҳод мешавад. Ҳуқуқ ва вазифаҳои иштирокчиён дар экспертиза равшананд: тарафҳо метавонанд далел ва мушоҳидаи худро пешниҳод кунанд, коршинос ҳуқуқ дорад маълумотро дархост кунад ва ашёҳоро санҷад ва бояд қоидаҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқиро риоя намояд. Ҳуҷҷатгузорӣ ва супоридани хулоса ба суд бояд пурра, равшан ва асоснок бошад, зеро хулоса ҳамчун далели судӣ аҳамияти қонуниро дорад.

Дар боби сеюм масалаҳои "Хулосаи коршинос ҳамчун далел" зикр карда шудааст, ки хулосаи коршинос натиҷаи ниҳоии экспертиза буда, сохтори он одатан маълумот, таҳлил ва натиҷаро дар бар мегирад. Хулоса бояд равшан, муфассал ва асоснок бошад, то суд ба он такя карда, қарори ниҳои қабул намояд. Дар ҳолатҳое, ки масъалаҳои ҷиноятӣ ё фаннӣ мураккабанд, хулосаи коршинос ҳатмӣ ҳисобида мешавад.

Хулосаҳои коршинос ҳуқуқан ҳамчун далел ба суд барои қабули қарор кӯмак мекунанд. Танқид ва баҳогузорӣ имкони ошкор намудани

хатогиҳо ва ихтилофҳо бо далелҳои дигарро фароҳам мекунад. Дар сурати зарурат экспертиза такрор карда мешавад, то сифати хулоса ва эътимоднокии он таъмин гардад. Хулосаҳои амалии коршинос бояд ба қарори суд таъсиргузор бошанд ва дар ҳифзи ҳуқуқи иштирокчиён нақши муҳим дошта бошанд.

Дар маҷмӯъ, рисолаи номзади на танҳо барои таҳқиқоти илмӣ, балки барои таҳкими амалияи ҳуқуқӣ ва истифодаи технологияҳо дар соҳаи тафтиши ҷиноятҳо аҳамияти муҳим дорад.

Дар хулоса ва пешниҳодиҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ҷамъбаст гардидаанд. Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзӯи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Мӯҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмӣ ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтааст.

Хулоса, диссертатсияи Солеҳзода Давлатбек Уроқ дар мавзӯи “Экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,

професcори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон                Искандаров З.Ҳ.

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак Тел.: (+992) 907967476

Имзои Искандаров З.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ                Шодихонзода Э.Ш.
«09» январи 2025 с.

Суроға: Хиёбони Рудакӣ, 17, ш. Душанбе, 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10;Факс: (+992-37) 227-15-10; Email: info@tnu.tj